Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

21 октябри соли 2023
Шанбе
№ 84 (14991)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САМТҲОИ АСОСИИ БУҶАИ ДАВЛАТӢ БАРОИ СОЛИ 2024 БАРРАСӢ ШУДАНД

**Таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев бинобар баррасии самтҳои асосии буҷаи давлатӣ барои соли 2024 ва вазифаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо дар соҳа ва минтақаҳо тақозо мегарданд, ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуд.**

Захира ва имкониятҳое, ки дар ҳар кадом соҳа, ҷанба ва минтақа барои афзун намудани даромади буҷаи давлатӣ ва муътадил кардани хароҷот мавҷуданд, дақиқ таҳлил карда шуданд.

Пеш аз ҳама бобати коҳиш додани арзиш дар саноат аз ҳисоби дар соҳаҳои бузург кам кардани таваққуфҳо вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Чунончи, ҳисобу китоб карда шуд, ки дар семоҳаи чаҳоруми соли равон хароҷот дар 349 корхонаи бузурги саноатиро метавон дар ҳаҷми 2,1 триллион сӯм коҳиш дод. Ба мақсади мунтазам идома додани кори мазкур ба ҳукумат супурда шуд, ки соли оянда дар соҳаҳои бузурги саноатӣ барномаи коҳиш додани таваққуфро дар ҳаҷми 15-20 фоиз кор карда барояд.

Масъалаи вусъат додани пойгоҳи даромади минтақаҳо баррасӣ гардид. Аз ҷумла, чораҳо бобати дастгирӣ намудани корхонаҳои камиқтидор ва ба иқтидори пурра ба кор даровардани онҳо мушаххас гардиданд. Муҳимияти рушди соҳибкорӣ, вусъат додани пойгоҳи андозситонӣ, кам кардани иқтисодиёти «номакшуф» аз тариқи пешниҳоди чораҳои рағбатноксозӣ таъкид гардид.

Таъкид шуд, ки «гардиш» дар кишоварзӣ бидуни инноватсияҳо ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин вазифаҳои аз ҳар гектар то ба 50 фоиз баланд бардоштани ҳосилнокии пахта, аз ҳар гектар то ба 100 фоиз зиёд кардани ғалла аз ҳисоби васеъ истифода бурдани дастовардҳои замонавии илмӣ дар соҳаи хокшиносӣ, тухмипарварӣ ва агротехника пеш гузошта шуданд.

Мушкилоти об дар минтақаи мо торафт шадидтар мегардад. Тӯли ду соли охир барои хоҷагии об аз буҷа 22 триллион сӯм, аз ҷумла тақрибан 1 триллион субсидияҳо барои технологияҳои сарфакунандаи об ҷудо карда шуданд.

Бо дарназардошти ин муҳимияти зиёд кардани маблағгузорӣ барои мустаҳкам кардани шабакаҳои обёрӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаи об таъкид гардид. Чунончи, соли оянда лоиҳаҳо дар соҳаи инфрасохтори об дар ҳаҷми 1,7 триллион сӯм, аз ҷумла бо ҷалб намудани 300 миллион доллар аз ҳисоби созмонҳои байналхалқии молиявӣ татбиқ карда хоҳанд шуд. Роҳбари давлати мо ба ин масъала муфассал таваққуф кард ва хабар дод, ки барномаи сесолаи бетоникунонии наҳрҳо қабул карда мешавад.

Рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», ки ба наздикӣ қабул гардид, ба сифати вазифаи аввалиндараҷа муайян гардидааст. Дар лоиҳаи буҷаи давлатӣ барои соли 2024-ум низ ба ин масъала эътибори зиёд дода шудааст.

Чунончи, барои рушди сармояи инсонӣ соли оянда ҷудо кардани 102,5 триллион сӯм пешбинӣ мегардад. Ин нисбати соли равон 15 фоиз бештар мебошад.

Барои мисол дар лоиҳаи ибтидоӣ сохтан ва таҷдид кардани 317 мактаб ба нақша гирифта шуда буд. Бо дарназардошти муҳимияти ин масъала ва талабот дар маҳалҳо Президент пешниҳод намуд, ки барои сохтмони боз 150 мактаб ҷудо кардани маблағ пешбинӣ карда шавад.

Ҳамчунин баррасии муҳимияти минбаъд зиёд кардани маблағ барои лоиҳаҳои пешбинишудаи таълими томактабӣ, низоми таълими касбӣ ва олӣ пешниҳод гардид.

Баробари ин ба зарурияти сарфакорона истифода бурдани маблағҳои ҷудогардида ва баланд бароштани натиҷабахшии онҳо эътибори махсус дода шуд.

Аз соли оянда низоми буҷаи маҳаллӣ пурра ба роҳ монда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки барои ҳар кадом маҳалла мумкин аст то 100 миллион сӯм ҷудо карда шавад.

Роҳбари давлат қайд намуд, ки ин маблағҳо бояд, пеш аз ҳама, барои лоиҳаҳое, ки дар маҳаллаҳо ҷойҳои корӣ фароҳам меоваранд ва ташвишҳои аҳолиро сабук мекунанд, равона карда шаванд. Бобати ба раисони маҳаллаҳо омӯзондани низоми нави кор, таъмин кардани ҳисобу китоб ва назорати харҷи маблағҳо супоришҳо дода шуданд.

Зарурияти ба қонунгузорӣ ворид кардани тағйироте, ки ба мустаҳкам сохтани низоми буҷа нигаронида шудаанд, муайян гардиданд. Роҳ надодан ба бевосита имзо намудани муоҳидаҳое, ки истифодаи маблағҳои буҷа, инчунин зарурияти вусъат додани амалиёти баргузор кардани озмун ва тендерҳои шаффофро пешбинӣ менамоянд, қатъиян таъкид гардид.

Имкониятҳо барои дар соли оянда ҷалб намудани 32 миллиард доллар сармоя дар соҳа, ҷанба ва минтақаҳо, ҳамчунин то ба 19 миллиард доллар расондани содирот баррасӣ шуданд.

Лоиҳаи буҷа барои соли 2024-ум, ки бо дарназардошти фикру андешаҳои дар ҷамъомад изҳоргардида коркард шудааст, барои баррасӣ ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис дохил карда мешавад.

Рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо ҳамчун масъалаи дуюм ба рӯзномаи маҷлис дохил карда шуд.

Роҳбари давлат дар мисоли вилояти Қашқадарё имконияти дастоварди ҳадди аксари нишондиҳандаҳоро то охири сол нишон дода, таъкид намуд, ки нақшаҳои пешрафт бояд бо дарназардошти талаботи аҳолӣ ва мушкилоти барои минтақа дахлдор ташаккул дода шаванд. Қайд гардид, ки вазоратҳо барои рушди минтақаҳо якҷо бо ҳокимон масъул мебошанд, онҳо бояд барои ҳаллу фасли масъалаҳои соҳа ва маҳалҳо корҳои ҳамоҳангро ба роҳ монанд.

**ЎзА.**

Мизони интихобот

# РАИСИ МАҲАЛЛА БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД?

***Иштирок дар интихобот ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандони кишвар аст. Интихоб намудани намоянда (Президент, депутат ва ё раиси маҳалла) марбут аст ба дониши сиёсӣ, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури интихобкунанда. Бояд ҳар як интихобкунанда моҳияти ҷамъияти демократиро саҳеҳ дарк кунад. Ба дастур ва вазифаҳои пешниҳоднамудаи интихобшаванда хуб шинос гардад. Татбиқи амалии пешниҳодҳои пешниҳодшударо дақиқан дарк дошта бошад. Эҳсос намояд, ки оё он ҳама нақшаву ваъдаҳо заминаи иҷро доранд? Оё он ҳама нақшаву ваъдаҳо ба манфиати халқ аст ва ҳаёти мардум рӯз аз рӯз фаровон, осудагиву осоиштагии он таъмин мегардад?***

Инҷо мо на аз хусуси интихоботи Президент ва ё депутатҳо, балки доири интихоби раиси маҳалла андешаҳои худро иброз менамоем. Институти маҳалла имрӯз дар ҳаёти шаҳрвандони кишвари мо ҷойгоҳи муҳим кашф кардааст. Он ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, эҳёи урфу одат ва анъанаҳои наҷиби ниёкон, ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон таъсиргузор аст.

Маҳалла чун маҷмӯи банизомдарорандаи муносибатҳои аҳолии ҳудуди муайян таърихи қадима дорад. Дар ибтидо аҷдодони мо ҳудуди маҳалларо мутобиқи садои муаззин муайян менамуданд, яъне садои муаззин то куҷо расад, он ҳудуд як маҳалла дониста мешуд. Мардон дар масҷид ҷамъ омада муаммоҳои маҳаллаи худро муҳокима намуда, роҳҳои ҳаллу фасли онро муайян менамуданд. Одатан масоили тозаву озода нигоҳ доштани ҳудуд, ташкил ва гузаронидани ҳашар, кӯмак ба оилаҳои ниёзманд, тарзи гузаронидани тӯю маъракаҳо, одоби рафтор дар маҳалла баррасӣ гардида, тадбиқи ин омилҳо дар амал ҷорӣ мегардид. Дар шаҳрҳои қадима, ки ҳунармандӣ ривоҷ ёфта буд, гузарҳои ҳунармандӣ як маҳалларо ташкил медоданд. Ин анъанаи аҷдодӣ дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва дигар манзилҳо хуб ба мушоҳида мерасад. Маҳалла, ки истилоҳи арабӣ мебошад, бешубҳа, бо вожаи гузар муродиф аст.

Институти маҳалла дар кишвари мо боз ҳам тобишҳои нав касб намудааст. Президент Шавкат Мирзиёев маҳалларо дар кишвар “пуле миёни халқ ва давлат” номида, раисони онро “чун сутуни дафтари кории Президент дар зинаи ибтидоии идоракунии давлатдорӣ” баррасӣ намудааст.

Интихоби раиси маҳалла аз ҷониби намояндагони аз ҷониби шаҳрвандони ҳамон маҳалла интихобгардида интихоб карда мешавад. Номзадон ба раисии маҳалла низ аз ҷониби аҳолии маҳаллаи муайян пешбарӣ карда мешаванд. Ба номзадии раиси маҳалла пешбарӣ гардидагон ҳуҷҷатҳои худро ба раиси ҳавзаи интихобот пешниҳод мекунанд. Пас аз таҳияи ҳуҷҷатҳо раиси ҳавзаи интихобот дӯхтаи ҳуҷҷатҳоро ба ҳокимияти ноҳиявӣ пешниҳод мекунад. Дар ҳокимият ҳуҷҷатҳо аз назар гузаронида шуда, бо ҳар як номзад суҳбати индивидуалӣ гузаронида мешавад.

Он ҷо на ҳамеша бо ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти номзад эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Бисёр дучор омадаем, ки номзад кӯдакеро зинда ятим монда, онро аз меҳри падар маҳрум намудааст. Коргареро, ки бо вайрон намудани муносибати инсонӣ аз вазифа озод намудаанд, номзадиашонро ба раисии маҳалла пазируфтаанд. Ва ин гуна номзадҳо байни интихобкунандагон тарафдорони зиёд доранд. Дар ин маврид асосан ду омил мавқеи муҳим дорад: номзад аз деҳаи сернуфуси маҳалла аст ва ё дар маҳалла қарибу хешони зиёд дорад.

Ин тоифа фаровонӣ ва ободии маҳаллаи хешро пазироӣ надоранд. Онҳо манфиати хешро бештар пазироӣ доранд. Ин гуна раисон дар вазифа дер намепоянд. Аз вазифа сӯиистеъмол намуда, ҷӯрабозиву хешбозӣ ва ё маҳаллабозӣ, яъне манфиати як деҳаро бештар ҳимоя намуда, ба иштибоҳ роҳ дода ва ҳатто ҷиноят содир мекунанд. Ва аз вазифа дур карда мешаванд.

Ҳар як нафар намояндаи мардумӣ, ки барои интихоби раиси маҳалла интихоб шудааст, пеш аз ҳама манфиати мардум ва ободиву фаровонии маҳалларо андеша намояд. Дар интихоби раиси маҳалла хешу ҷӯрабозӣ намуда, ба иштибоҳ роҳ надиҳад.Касеро раис интихоб намоянд, ки ӯ тавонад, манфиати аҳли маҳалларо, пеш аз ҳама манфиати ногиронон, оилаҳои камбизоат, ҷавононро ҳимоя намояд. Дар ободиву осудагии аҳли маҳалла саҳм гирад. Раис бояд ташаббускору созанда бошад, на ҷонибдори гурӯҳи муайяни аҳолӣ, яъне хешу ақрабову наздикон.

Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев институти маҳалла вобаста ба рушди кишвар такомул ёфта истодааст. Чанде пеш “панҷгонаи Президент” ба “ҳафтгонаи Президент” табдил ёфт, яъне вазифа ва ӯҳдадориҳои раиси маҳалла ва андаркорони он боз ҳам такомул ёфт. Вазифаҳои нави корманди андоз ва молия ҷорӣ гардид. Ин амалиёт ӯҳдадорӣ ва вазифаҳои раиси маҳалларо боз васеътар намуд. Институти маҳалла такягоҳи мардуми ҳамон маҳалла мебошад. Ободиву бунёдкорӣ ва фаровонии мардум бештар ба фаъолияти маҳалла ва аҳли он марбут аст. Пас мо дар интихоби раиси маҳалла беш аз пеш масъулият ҳис намоем.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ТАҲЛИЛҲОИ ТАНҚИДӢ БА НАФЪИ КОР АСТ

***Дар маҷлисгоҳи ҳокимияти вилояти Қашқадарё бо иштироки сарварони секторҳо ва роҳбарони идораву ташкилоти қаламрав ҷамъомади таҳлиливу танқидӣ баргузор гардид.***

Ин маҷлис «Соати ҳокимият» ном дошта, ба амал татбиқ гардидани қарору фармонҳои Президентро мавриди муҳокима қарор медиҳад.

Ҳокими вилоят М. Азимов кулли соҳаҳои ҳаётан муҳим, махсусан соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди салоҳияти инвеститсионӣ, ба амал татбиқ кардани қарору фармонҳои Президент ва кор бо мурочиатҳои шаҳрвандонро аз нигоҳи танқидӣ таҳлил карда, аз фаъолияти ҳокимияти баъзе ноҳия ва идораҳои масъул изҳори норизоӣ намуд.

Вай гуфт ҳанӯз роҳбароне ҳастанд, ки ба иҷрои қарору фармонҳои Президент хунукназарона нигоҳ мекунанд ва дар бунёди Ӯзбекистони Нав ҳисса мегузоранд. Назар ба фикри ҳоким, ба ин қабил сарварон ташаббускорӣ ва масъулиятшиносӣ намерасад. Вай таъкид кард, ки ба хусус дар масъалаи муроҷиатҳои шаҳрвандон ва ҳаллу фасли онҳо камбудиҳои зиёд мавҷуданд.

Ҳоким фармуд, ки ба роҳбарони муҳлати муроҷиатҳои мардумро баркасд кашолдода ҷазои лоиқ дода шавад. Ба гуфти ӯ, агар муроҷиатҳо дар вақташ таҳлил ва мушкилот ҳал нагарданд, байни шаҳрвандон ва ҳокимияти маҳаллӣ ихтилофи назар ба миён меояд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**



*Дар факултаи технологияҳои кимиёи Донишгоҳи давлатии Урганҷ Ҳафтаи ғояҳои инноватсионии «Inno Week-2023» таҳти шиори «Таълими креативӣ ва инноватсияҳо – асоси пешрафти Ӯзбекистони Нав» оғоз ёфт.*

*Дар доираи Ҳафта вохурӣ ва машваратҳои гуногун барои олимони мактабҳои олӣ, муҳаққиқони ҷавон ва тоҷирони вилоят, сабақҳои устодии муаллифони лоиҳаҳои стартап ва роҳбарони лоиҳаҳо, конфронсҳои илмиву амалӣ, ҷамъомади таълими креативӣ, баромади донишҷӯёни соҳибистеъдод ва намоишгоҳҳои инноватсионӣ пешбинӣ гардидаанд.*

***Дар сурат:** дар намоишгоҳ.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

# ӮЗБЕКИСТОН БАРОИ ҲИНДУЁН БА ЯКЕ АЗ МАКОНҲОИ САЙЁҲӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

## Дар пойтахти Ҳиндустон иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон дар 25 LED-экран намоиш дода шуд.

Сафорати кишвари мо дар Деҳлӣ намоиши иқтидори сайёҳии Ӯзбекистонро дар экранҳои LED, ки дар майдонҳои марказӣ ва кӯчаҳои серодами пойтахти Ҳиндустон насб шудаанд, ташкил намуд, хабар медиҳад хабарнигори АИ «Дунё».

Дар мониторҳое, ки дар шафати Қасри Президент Раштрапати Бхаван, хиёбонҳо, кӯчаҳое, ки дар онҳо вазорат ва идораҳои гуногуни давлатӣ, корпуси дипломатӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, марказҳои савдою фароғатӣ, биноҳои серошёнаи истиқоматӣ, инчунин чорроҳаҳои серодам воқеъ гардидаанд, ба сокинон ва меҳмонони Деҳлӣ дар тӯли моҳи октябр имконият ва самтҳои сайёҳии Ӯзбекистон намоиш дода мешаванд.

«Ҳиндуҳо имрӯз фаъолона дар саросари ҷаҳон сафар мекунанд ва ба самтҳои нав таваҷҷуҳ доранд» — мегӯяд директори генералии иҷрогари ширкати «Blink Brand Solutions» Ноэл Саксена. «Ба ин маъно метавон гуфт, ки Ӯзбекистон яке аз самтҳои рағбатовари сайёҳӣ аст. Мо бо намояндагии дипломатии Ӯзбекистон дар Деҳлӣ ҳамкории зич дорем, то тавонмандиҳои саноати меҳмондӯстии кишварро боз ҳам пешбарӣ кунем. Ин ба таҳкими имиҷи сайёҳии Ӯзбекистон хидмат хоҳад кард. Ҳамкории мо инчунин намоиш додани видео дар бораи кишварро фаро мегирад. Навори видеоӣ, ки дар 25 экрани калон дар Деҳлӣ намоиш дода мешавад, дар байни сокинони маҳаллӣ таваҷҷуҳи зиёд ба бор меорад».

Дар доираи пешбурди иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон дар шаҳрҳое, чун Деҳлӣ, Мумбай ва Бангалор тақдимот, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо ташкил карда мешаванд. Инчунин, ба гузаронидани курсҳои махсус барои кормандони ширкатҳои сайёҳии Ҳиндустон корҳои омодагӣ идома доранд, ки дар онҳо дар бораи ислоҳоти васеъмиқёс оид ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳии Ӯзбекистон дар солҳои охир, фароҳам овардани шароити муосир барои сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ, такмили минбаъдаи инфрасохтори туризм, инчунин мавзеъҳои гуногуни ҷолиби туристӣ маълумот дода хоҳад шуд. Дар ҷараёни ин чорабиниҳо намояндагони соҳаи меҳмоннавозии ду кишвар дар бораи лоиҳаҳои бомуваффақияти ҳамкорӣ нақл хоҳанд кард.

«Мо таҷриба ва қобилияти худро барои намоиш додани Ӯзбекистон ба таври куллӣ истифода мебарем, то одамон тавонанд дарҳол барои сафар тасмим гиранд», – мегӯяд Ноэл Саксена. «Дар ин раванд мо ба имконоти расона ва шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи зиёд медиҳем. Масалан, чанде пеш дар сегменти ҳиндии Фейсбук ва Твиттер ду лоиҳа дар бораи Ӯзбекистон роҳандозӣ шуд. Ҳоло афзоиши динамикии муштариёни ин аккаунтҳо мушоҳида мешавад».

Ҳамчунин дар шумораи октябри маҷаллаи маъруфи Ҳиндустон «ВОТТ», ки ба мавзӯи сайёҳӣ ва саёҳат ихтисос ёфтааст, маводи «Ӯзбекистон – чорроҳаи тамаддунҳоро барои худ кашф кунед» чоп шудааст.

Дар натиҷаи корҳои пайгирона, ки дар ин самт амалӣ мешаванд, ҷараёни сайёҳон миёни Ӯзбекистон ва Ҳиндустон фаъолтар мешавад, аз ҷумла интизор меравад, ки имсол шумораи сайёҳон аз ин кишвар ба шаҳрҳои Ӯзбекистон дар тамоми таърихи муносибатҳо ба сатҳи баландтарин бирасад.

**АИ «Дунё»,**
*ДЕҲЛӢ.*

# АМРИКОИҲО ЎЗБЕКИСТОНРО БА ТАВРИ НАВ КАШФ МЕКУНАНД ВА МЕХОҲАНД БА ОН САФАР КУНАНД

***Дар Вашингтон чорабиние доир гардид, ки мероси таърихию фарҳангӣ ва иқтидори Ўзбекистонро муаррифӣ мекунад.***

Сафорати Ўзбекистон дар Вашингтон дар ҳамкорӣ бо созмони ғайритиҷоратии амрикоии «International Club DC» бо мақсади ошноии намояндагони доираҳои расмӣ, соҳибкорӣ ва академикии Амрико бо мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва имкониятҳои сайёҳии кишвари мо чорабинии фарҳангӣ ташкил намуд.

«International Club DC», ки соли 2003 таъсис ёфтааст, бо зиёда аз 90 сафоратхонаҳо дар Вашингтон ҳамкорӣ мекунад. Дар клуб суҳбатҳо, мизҳои мудаввар, чорабиниҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва қабулҳо ташкил карда мешаванд. Дар рафти чорабинӣ ба меҳмонон дар бораи имкониятҳои сайёҳии Ўзбекистон, марказҳои фарҳангию таърихӣ, ҷойҳои ҷолиби диққат, инчунин иқтидори сармоягузории кишвари мо маълумот дода шуд. Илова бар ин, аз ҷониби намояндагони диаспораи ўзбек консерт баргузор гардида, рақсҳои миллӣ ва асарҳои мусиқиро иҷро намуданд.

Дар байни иштирокчиён маводҳои муаррифӣ, нашрияҳо ва брошюраҳо дар бораи иқтидори сайёҳии кишвари мо тақсим карда шуда, дар бораи мероси бойи фарҳангиву таърихии Ўзбекистон видеофилмҳо намоиш дода шуданд. Меҳмонони шом ба иқтидори сайёҳӣ ва мероси таърихию фарҳангии Ўзбекистон баҳои баланд дода, азислоҳоти густурдае, ки дар кишварамон амалӣ мешаванд, ҷонибдорӣ намуданд.

Роҳбари «International Club DC» Санҷай Ҳетихева дар суҳбат бо хабарнигори АИ «Дунё» қайд кард, ки маҳфил як платформаи хубест барои таблиғи бренди миллии кишвар.

– Тадбиреро, ки имрўз аз ҷониби сафорати Ўзбекистон ташкил карда шудааст, метавон намунавӣ арзёбӣ кард, зеро муаррифии мероси ғании таърихӣ ва иқтидори бузурги сайёҳӣ дар сатҳи баланд баргузор гардид ва дар байни меҳмонон муваффақияти калон дошт, – таъкид кард ў.

Ба гуфтаи таҳлилгари умури хориҷии Департаменти давлатии ИМА Энн Комптон шаби фарҳангӣ барои меҳмонон хеле муфид буд ва онҳо тавонистанд дар бораи кишвари мо бисёр чизҳоро омўзанд.

– Бояд бигўям, ки бинои сафорати Ўзбекистон яке аз биноҳои зеботарин дар Вашингтон ба шумор меравад ва намоишгоҳи аз кишвар овардашуда таърихи фарҳанги ғании мардуми Ўзбекистонро равшан нишон медиҳад, – гуфт ў.

Муовини директори генералии Корпоратсияи молиявии байналмилалии ИМА (DFC) Ҷон Уоррен нақл кард, ки дар бораи кишвари мо бисёр шунидааст ва аз намунаҳо таассуроти зиёд пайдо кардааст.

– Таъми таомҳои миллии ўзбекӣ, бахусус оши палави ўзбекӣ яке аз бахшҳои ҷолиби чорабинии имрўза мебошад, ки ба ҳама писанд омад, – афзуд ў. – Шоми фарҳангии сафорати Ўзбекистон яке аз беҳтарин чорабиниҳо гардид, ки аз ҷониби «International Club DC» ташкил карда шуд.

Ба гуфтаи директори равобити байналмилалии Донишгоҳи Ҷорҷтаун Келли МакГрат иштирокдорони амрикоие, ки дар ин чорабинӣ ширкат доштанд, аслан Ўзбекистонро кашф карданд ва ҳоло мехоҳанд аз он дидан кунанд.

**АИ «Дунё».**

*ВАШИНГТОН.*



*Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар маҳаллаи «Янгиобод»-и Бухоро расман мавсими ниҳолшинонии тирамоҳӣ сар шуд.*

*Дар чорабинӣ намояндагони секторҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, кормандони соҳаҳои фарҳангу санъат, фаъолону пирони маҳалла, имом-хатибон, ҷавонон, варзишгарон, ходимони соҳаҳои ободонӣ, ҷомеаи васеъ иштирок карданд.*

*Худи ҳамон рўз барои бунёди боғи маҳаллаи «Янгиобод» ҳудуди бекорхобида обод карда, тақрибан 500 бех дарахтони манзаравӣ ва мевадеҳ нишонда шуданд. Соли равон дар Бухоро нишондани 6,5 миллион бех ниҳол пешбинӣ гардидааст.*

***Дар сурат:** лаҳзаи ниҳолшинонӣ дар боғи нави маҳалла.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

*Хоҷагии қишлоқ*

# НАВЪҲОИ НАВИ ЗИРОАТ ВА МЕВАҶОТ

***Кишоварзон ҳар сол ба ҳазорҳо гектар майдон навъҳои гуногуни зироат кишт ва парвариш менамоянд, то ки эҳтиёҷоти аҳолиро қонеъ созанд. Бо вуҷуди ин як қисми маҳсулот аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.***

Ба вуҷуд овардани навъҳои ба иқлими маҳал мутобиқ ва айни замон серҳосил айни муддаост. Барои мисол, бигирем боғҳои Бахмалро. Дар ин ҳудуд себзорҳое барпо сохтаанд, ки меваи шаҳдбори он бо хуштаъмӣ маълуму машҳур аст. Себҳои сурхи «Панҷситора» ва зарди «Голден» бо навъи аълояш бартарӣ дорад ва аллакай натанҳо дар дохил, балки дар хориҷа ҳам ном баровардааст. Боғбонон аз як гектар беш аз бист тонна мева мегиранд. Ба ҳисоби миёна як дарахти себ саду панҷоҳ килограмм ҳосил медиҳад.

Бигирем форишиёнро, дар заминҳои наздиҳавлиашон токи заминӣ парвариш мекунанд. Тўли сол бозорро бо ангурҳои сиёҳу сурх таъмин менамоянд. Ё худ хушк карда, мавиз тайёр мекунанд, онро низ мефурўшанд.

Бояд гуфт, ки кишт ва парвариши ҳар як рустанӣ ба иқлими ин ё он маҳал хосу мос аст. Чунончи, дар ҳудуди маҳаллаи «Навбаҳор» кишт ва парвариши растании «Sorgo»-ро таҷриба карданд. Як гектари ин растанӣ қодир аст, ки то 50-60 тонна моддаи оксиген ихроҷ намуда, ҳавои атрофро тоза созад.

Ходимони хоҷагии қишлоқ ва мутасаддиёни соҳа сари масъалаи ба вуҷуд овардани навъҳои нави зироат, рустаниҳои ғалладона кор пеш мебаранд. Аз ҷумла, навъҳои нави офтобпараст ва соя, ки ғолибан барои истеҳсоли маҳсулоти равғанӣ муҳим ва зарур маҳсуб меёбанд, аз таҷриба мегузаранд ва самара медиҳанд. Аз як гектар навъи «Пионер»-и офтобпараст то 5-6 тонна ҳосил гирифтан мумкин аст. Навъи «Aley» ҳам ҳосилхез буда, дар давоми ду-се моҳ пухта мерасад, – мегўянд мутахассисон.

Бахшида ба ин масъалаҳо ба қарибӣ дар вилояти Ҷиззах семинари амалии ҷумҳуриявӣ доир гардида буд. Дар он аз гўшаву канори ҷумҳурӣ кормандони хоҷагии қишлоқ ширкат варзиданд. Дар ҷараёни семинар оид ба роҳҳои ба вуҷуд овардани навъҳои афзалиятноки ба иқлим ва хоки ин ё он маҳал мувофиқи зироат, рустанӣ, аз он ҷумла, парвариши соя ва пахта мубодилаи афкор намуданд. Солҳои охир тухмии пунбаи «Барака» ва «Равнақ-2» ҳосил гардид, ки ин ба хоҷагиҳои қаламрави вилоят барака ва равнақ овард. Дар заминҳои беканори ноҳияи Ғаллаарал ҳамчун кишти такрорӣ навъҳои нави соя самара медиҳад.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҒАЛАБАИ МЕҲНАТИИ ПАХТАКОРОНИ НОҲИЯИ РОМЕТАН

Пахтакорони ҳимматбаланди ноҳияи Рометан дар вилоят аввалин шуда нақшаи шартномавии ба давлат супоридани пахтаро сарбаландона иҷро карданд.

259-то хоҷагии фермерии ҳудуд имсол дар 10 ҳазору 650 гектар майдон пахта корида, баъди нигоҳубини табъи дил ҳосили фаровон рўёнданд. Дар давоми мавсим бештар аз 18 ҳазор нафар чинакчиён дар атрофи 275-то отряд муттаҳид шуда, дар ҷараёни ҳосилғундорӣ иштирок карданд. Дар натиҷа то 13 октябр дар ҳудуди ноҳия 42 ҳазору 183 тонна ашёи хоми қиматбаҳо ҷамъ оварда шуд, ки ин нисбати ҳосили соли гузашта 1 ҳазору 283 тонна зиёд аст.



Ҳавасмандгардонии отряду чинакчиёни пешқадам дар давоми мавсим самараи хуб дод. Рўзе ба ҳисоби миёна 1 ҳазору 200 тонна пахта ба пунктҳои қабул ворид шуд. Ба чинакчиён аз ҳисоби шуъбаи ноҳиявии «Агробонк» ба андозаи 65 миллиарду 383 миллион сўм музди меҳнат дода шуд. То имрўз беш аз 83 фоизи хоҷагиҳои фермерӣ ба марраи мурод расидаанд. То ҷамъоварии граммҳои охирин пахтачинӣ давом мекунад.

**Амрулло АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Дар хиёбону кўчаҳои шаҳри бостонӣ тантанаҳо идома ёфта, нақлиётҳои ҷамоатӣ ба аҳолӣ хизмати бепул расонда ба манзилашон бурданд.***

# ЭЙ, САМАРҚАНДИ АЗИЗ, ФАХРАМ, КИ ФАРЗАНДИ ТУАМ...

Дар назди пайкараи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дар мавзўи «Самарқанд – гавҳари Шарқ» мушоираи шоирону мухлисони каломи бадеъ ба вуқўъ пайваст.

Ин ҳама ба шарофати Рўзи шаҳри Самарқанд – 18 октябр буд.

Дар хиёбони донишгоҳ баромади санъаткорон ташкил ёфт, ки ҳофизони номдор баромад карда, ба меҳмону мизбонон ғизои маънавӣ бахшиданд.

– Ҳоло Самарқанд ба яке аз шаҳрҳои бузургу саодатманди ҷаҳон табдил меёбад, – гуфт ҳокими шаҳр Фазлиддин Умаров, – бештари анҷуманҳои гуногуни байналхалқӣ маҳз дар ҳамин ҷо баргузор мешаванд.

Чуноне ки Президент таъкид кард, дар 8 моҳи соли равон ба Ўзбекистон 4,3 миллион нафар сайёҳони хориҷӣ омадааст, ки аксари онҳо зиёрати Самарқандро афзал донистаанд. Аз ин сабаб хатсайрҳои аэропорти байналхалқӣ аз 46 ба 84 адад расида, дар муддати кўтоҳ як ҳазору 300 автобуси замонавиро харидорӣ кардем.

– Самарқанд зодгоҳи ман, ҳаёти ман, эҷоди ман, – гуфт шоири мардумии Ўзбекистон Хуршед Даврон, – бесабаб достони «Хаёли Самарқанд»-ро эҷод накардаам. Солҳои охир мавзўъи дўстдоштаи ман зодгоҳам ва бузургони вай аст.

– Суруду таронаҳои бештари ман ба Самарқанд бахшида шудааст, – қабл аз ҳунарнамоӣ гуфт санъаткори номдор Мардон Мавлонов, – охир:

*Эй, Самарқанди азиз,*
*фахрам, ки фарзанди туам,*
*Ту саросар қанду ман як*
*пораи қанди туам...*

*Дар арзҳои дўстӣ*

# «ФАСЛҲОИ РУСИЯ» — ДАР САМАРҚАНД

***Тўли чаҳор рўз намояндагони фарҳанг ва санъати Русия меҳмони Самарқанд шуда, бо ҳунари волову ҷолиби диққат таваҷҷуҳи мардуми шаҳри бостонӣ ва сайёҳони хориҷиро ба худ кашиданд, ки солҳои сол дар хотири тамошобинон хоҳад монд.***

Лоиҳаи «Фаслҳои Русия» ғояи маърифатпарвар Сергей Дяглов буда, соли 1908 таъсис ёфт ва дар шуҳратдор шудани он хизмати Фёдор Шаляпин, Анна Павлова, Тамара Карсанина ва садҳо нафар дигарон бузург буда, анъанаҳои миллӣ ва неки гузаштагонро ворисони муносиб идома медиҳанд.

– Мо бо барномаи нав ва дилнишин ба Самарқанд омадем, – дар вохўрӣ бо вакилони расонаҳои ахбор иттилоъ дод роҳбари «якканавозони Москва», Ҳунарпешаи мардумии Иттифоқи Шўравӣ Юрий Башмет, – намунаҳо аз асарҳои тозабунёди оҳангсозони машҳур пешкаши мухлисони санъат хоҳад шуд.

Воқеан, Юрий Абрамович ваъда дод, ки минбаъд дар барномаҳои консертӣ аз асарҳои оҳангсози Самарқанд Манас Левиев низ истифода мекунанд.

Он бегоҳ дар толори хушҳавои «Айвон»-и шаҳраки абадӣ асарҳои П. Чайковский, А. Вивалдӣ, Э. Григ, В. Мосарт ва дигарон танинандоз гардид.

– Дар шаҳраки абадӣ баромади дастаи ҳунарии «Лезгинка»-и Доғистон таҳти роҳбарии Ҳунарманди хизматнишондодаи Русия Ҷамбулат Магамедов бо номи «Сулҳ аз байни рақс» низ бо шукўҳу шаҳомати хоса оғоз ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## *ХАБАРҲО*

### Риштаҳо мустаҳкам мешаванд

***Муносибатҳои ҳарҷониба байни Ўзбекистон ва Эрон торафт мустаҳкам мешаванд. Вазири сайёҳии Эрон Иззатуллоҳ Зарғамӣ дар доираи форуми байналхалқии сайёҳӣ, ки дар Самарқанд рўйи кор омад, зимни суҳбат бо вазири экология, ҳифзи муҳити гирду атроф ва тағйироти иқлим Азиз Абдуҳакимов гуфт эрониён хусусан ба ду шаҳри Ўзбекистон – Бухорову Самарқанд таваҷҷуҳи хоса доранд.***

Чун сайёҳу зиёратгар ба ин шаҳрҳо ташриф меоваранд, дар навбати худ зимни сафарҳои ўзбекистониён ба шаҳрҳои таърихии Эрон ва мулоқотҳои гарми тарафайн ҳис мекунам, ки ин ду халқ ба ҳам чӣ қадар наздиканд. Барои офаридани қулайиҳои бештар ба сайёҳон мо роҳҳои дар байни ду давлат бекорсозии визаҳоро меҷўем, гуфт ў. А. Абдуҳакимов ҷавобан изҳор дошт ин қабил иқдом натиҷаи дилхоҳ хоҳад бахшид.

Боз як навигарӣ он ки сафири ба наздикӣ таъиншудаи Эрон дар Ўзбекистон Муҳаммад Алӣ Искандарӣ ба вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон нусхаи эътиборномаашро супурд.

Ҷонибҳо оиди боз ҳам васеъ сохтани доираи ҳамкориҳои тарафайн, вазифаҳое, ки дар ин самт байни вазоратҳои умури хориҷии ду мамлакат истодаанд, изҳори ақида намуданд.

### Нарх бардошта намешавад

***На ҳамаи хабар ва маълумотҳое, ки шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мекунанд, асосноку дуруст мебошанд. Чунончи, хабарҳои аз 1 ноябри соли равон боло рафтани нархи бензини АИ-80.***

«Ўзбекнефтгаз» беасосии ин гуна овозаҳоро таъкид сохт. Бензин дар нуқтаҳои сўзишворифурўшӣ бо тартиби пештара фурўхта мешавад. Хотиррасон мекунем, таҳти қарори роҳбари давлат муддати импорту аксизи бензини АИ-80 то 31 декабри соли равон дароз шудааст. Ҳоҷат ба хавотирӣ нест – нархи ин навъ бензин ҳамон 6050 сўм.

### Муҳоҷирони меҳнатӣ – мавриди эътибор

***Маълум, ки қисме аз ҳамватанҳоямон дар Русия муваққатан кору зиндагӣ мекунанд. Барои он ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар масъалаи ҷойгирсозии фарзандҳояшон ба боғчаҳои хусусӣ ва мактабҳо ба душворӣ дучор наоянд, чораҳо андешида мешаванд.***

Чунончи, мушовири Президенти Ўзбекистон Қаҳрамон Қуронбоев бо муовини раиси Думаи давлатии Русия Владислав Даванков вохўрд ва ин масъала мавриди гуфтугў қарор гирифт.

Айни замон Қуронбоев аз ҳукумати Русия таклиф намуд тартиби миграционӣ барои шаҳрвандони ҷавони ўзбекистонӣ, ки ба Русия рафтаанд, содатар карда шавад.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Подоши меҳнат*

# ШУКРИ САРНАВИШТ

***Муаллимаи ботаҷрибаи фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими умумии рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд Саноат Аҳадова дар тўли сию ду соли омўзгорӣ таҷрибаи зиёдеро андўхт ва дар ин ҷода бахту саодат ёфт. Имрўз дастпарварони муаллима дар ҷодаҳои гуногун фаъолият дошта, дар рушд ва ташаккули Ватан саҳми шоиста мегузоранд.***

Хизмати шоёни таҳсини муаллимаи нуктадон, дўстдори фарҳанг дар самти бозомўзии забон ва адабиёти тоҷик, таълиму тарбияи насли наврас борҳо бо ифтихорнома, тўҳфаҳо қадр шудааст. Аз ҷумла, чанде пеш ба муносибати Рўзи муаллим ва мураббиён дар асоси Фармони Президент бо медали «Соғлом турмуш» мукофотонида шуд.

### Даричаи ошноӣ

С. Аҳадова 16-уми октябри соли 1971 дар деҳаи Қозиқўрғони ноҳияи Самарқанд дар оилаи омўзгор таваллуд шудааст. Падараш Ҳабиб Аҳадов (равонашон шод бод) омўзгори фанни таърих буд ва тўли солҳо дар мактабҳои ҳамагонӣ дар вазифаҳои гуногун кор карда, баҳри рушди соҳаи маориф саҳмгузорӣ намудааст. Модари хонадон Малоҳат Аҳадова хонанишин буд ва ба таълиму тарбияи ҳашт нафар фарзанди худ эътибори алоҳида медод. Азбаски оила калон буд, маоши муаллимӣ ба таъмини рўзгор кифоят намекард ва қиблагоҳи хонадон барои ба даст овардани даромади иловагӣ бо деҳқонӣ шуғл меварзид. Хоҳару бародарон дар корҳои кишоварзии падар ёрӣ мерасонданд.

Саноати хурдсол, ки дар мактаби таълими умумии рақами 21-уми ноҳия таҳсил мегирифт, баробари иҷрои вазифаҳои хонагӣ аз пайи кўмак ба волидон мешуд. Азбаски падараш омўзгор буд, аз хурдсолӣ касби муаллимиро дўст медошт. Ба устодони худ бо чашми ҳавас менигарист. Бахусус, тарзи корбарии муаллимаи фанҳои забон ва адабиёт Хуршеда Ҳасановаро хеле меписандид. Дар маҳфилҳо ва тадбирҳои адабӣ фаъол иштирок мекард. Ҳамин меҳр ба пешаи омўзгорӣ буд, ки пас аз хатми мактаб ҳуҷҷатҳои худро ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд ва донишҷўи шуъбаи шабонаи факултаи забон ва адабиёти тоҷик гардид.

### Дарси аввал

Ин дарс, ки дар мактаби таълими умумии рақами 41-уми ноҳияи Самарқанд буд, барояш фаромўшношуданист. Барои донишомўзони синфи панҷум аз фанни «Забони модарӣ» дарс гузашта буд. Аввалин бор рў ба рў бо шогирдон шудан ва барояшон дарс гуфтан, ҳам шодмонӣ, ҳам ҳаяҷон ва ҳам андак тарс дошт. Хурсанд аз он буд, ки акнун омўзгор аст – идомагари касби падар. Тарс аз он дошт, ки дар давоми 45 дақиқа ба шогирдон дарс гузашта метавонад ё не. Ба мақсади пешгузоштаи худ то чӣ ҳад ноил мегардад? Дар ниҳод меандешид, ки донишомўзонро чӣ хел ором мекунад, диққати онҳоро чӣ тавр ба дарс равона месозад? Муаллима Саноат Аҳадова дар дарс аз аёниятҳо истифода бурд, барои осон фаҳмондани мавзўъ мисолҳо овард ва тавонист, ки дарси нахустини худро бо рўҳияи баланду омодагии ҷиддӣ гузаронад. Пас аз дарси аввал ба хулосае омада буд, ки омўзгорӣ кори осон нест ва аз соҳибпеша масъулият, меҳнат, фидокорӣ ва муҳимтар аз ҳама, асабҳои мустаҳкамро талаб мекунад. Лек пешаи мушкил бошад ҳам, ширин аст, лаззат дорад, зеро онҳо ояндаи ҷамъиятро месозанд.

### Ҳавас ва афсўс

Ҳоло дар мактаб муҳити хуби таълимӣ пойдор аст. Ин аст, ки сол то сол сафи шогирдони мактаб, ки донишҷўи муассисаҳои таълими олӣ мешаванд, меафзояд. Ҳамзамон дар мактаб омўзгорони ҷавон низ зиёданд, ки бо рўҳия, ҷаҳонбинӣ ва методҳои нав ба нав дарс мегузаранд.

— Солҳои охир дар соҳаи таълим ислоҳоти зиёд амалӣ гардид. Эътибор ба сифати таълим афзуд. Ҳоло барои корбарии омўзгорон шароити мусоид фароҳам аст. Ҳар гоҳ, ки ба мактаб омўзгори ҷавон ояд, ба онҳо бо чашми ҳавас менигарам. Чунки онҳо насли нави замони нав ҳастанд. Аз технологияи ахбор бохабаранд. Кор бо компутер ва дигар аёниятҳои замонавиро медонанд, ки ин бурди онҳо мебошад. Аммо ҷиҳате, ки боиси афсўс ва дилхирагӣ аст, дар ҷавонон кам будани эътибор ба худомўзӣ мебошад. Дар болои худ кам кор мекунанд, – мегўяд С. Аҳадова.

### Шукри сарнавишт

Муаллима бо марди ҳунарманд Зафар Раззоқов оила барпо карданд. Онҳо соҳиби се фарзанд — як духтару ду писар гардиданд. Духтари хонадон Гулҷаҳон пешаи модар — омўзгориро интихоб кард ва ҳоло дар мактаби таълими умумии рақами 47-уми шаҳри Самарқанд ба наврасон таълиму тарбия медиҳад. Писарҳо Амир ва Дамир идомагари пайроҳаи падар ҳастанд ва бо ҳунари худ дар ҷомеа номи шоиста ёфтаанд.

Албатта баробари кори рўзгор пеш бурдани фаъолияти омўзгорӣ мушкилиҳои ба худ хос дошт. Саноат Аҳадова солҳои аввали оиладорӣ ва фаъолияти кориро чунин ба хотир меорад:

— Дар он айём ҷараёни дарс дар ду баст буд, камина дар ҳар ду баст дарс доштам. Аз субҳи барвақт то фаро расидани шом дар мактаб мешудам. Гоҳо таоми бегоҳрўзӣ ба дер мемонд. Аз ин дар назди хушдомани куҳансоли худ хиҷолат мешудам. Фарзандон, ки хурд буданд, зуд-зуд бемор мегардиданд. Шукри тақдир, ки хонаводаи шавҳарам аҳли фаҳм буданд ва дар чунин мавридҳо ҳамеша маро дастгирӣ мекарданд. Аз ин рў, гуфта метавонам, ки на танҳо муаллим фидокору қаҳрамон аст, балки оилаи ў низ қаҳрамон мебошанд. Агар оила дастгирӣ накунад, муаллим ҳам наметавонад ба комёбиҳо ноил гардад.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

21 октябр – Рӯзи забони давлатӣ

# САРВАТИ БЕБАҲОИ МАЪНАВИЯТИ ХАЛҚ

***Беш аз сӣ сол муқаддам ба забони ӯзбекӣ мақоми давлатӣ дода шуда, сипас Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид, ки барои минбаъд, беш аз пеш амиқ дарк кардани ҳувияти миллӣ ва таҳкими истиқлолият ҳамчун асос хидмат кард. Зеро барои омӯхтани забони халқҳои дигар бояд, пеш аз ҳама, забони модарии худро донист ва қадр намуд. Шахсе, ки ба забони модарии худ эҳтиром мегузорад, забони халқҳои дигарро низ ҳурмат мекунад.***

Ҳанӯз то дарёфти истиқлолият барои истиқлол қадами муҳим гузошта шуда буд: 21 октябри соли 1989 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид. Тӯли солҳои охир ба шарофати эътиборе, ки ба забони модарии ӯзбекӣ дода мешавад, нуфузи он беш аз пеш афзуда, вай асоси мустаҳками ҳуқуқӣ ва мақоми олӣ касб менамояд. Дар моддаи 4-уми Сарқонуни Ӯзбекистон дар таҳрири нав омадааст: «Забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибати боэҳтиромонаро нисбати забон, урфу одат ва анъанаҳои миллату халқиятҳое, ки дар ҳудуди он зисту зиндагӣ доранд, таъмин менамояд, барои рушди онҳо шароит фароҳам меоварад».

Ин санад аз он далолат медиҳад, ки забони ӯзбекӣ баробари рамзҳои дигари давлатӣ, аз ҷумла парчам, нишон ва суруди миллӣ таҳти ҳифзи давлат қарор доранд.

Бинобар рушди босуръати илму технология, вусъат пайдо кардани робитаҳои байналхалқии мамлакати мо ба забони ӯзбекӣ бисёр вожа ва мафҳумҳои нав ворид мегарданд. Вобаста ба ин зарурият ва аҳамияти рӯзмарраи нигоҳдоштани тозагии забони миллӣ, ғанӣ гардондани сарвати луғавӣ, дарёфти муродифҳои ӯзбекии мафҳумҳои замонавӣ ва таъмин сохтани истифодаи ягонаи онҳо тақозо мегардад. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев барҳақ таъкид намуд: «масъалаи забони давлатӣ бояд яке аз равандҳои асосии ғояи миллӣ гардад. Бояд ба тарбияи меҳру муҳаббат ва рағбат ба забони модарии насли наврас аз синни хурдӣ эътибори махсус дода, онро аз кӯдакистонҳо оғоз намуд ва минбаъд дар тамоми давраҳои таълим бо истифода аз технологияҳои замонавии инноватсионӣ идома дод».

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои куллан баланд бардоштани накш ва нуфузи забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ» аз 21 октябри соли 2019 ислоҳоти самти мазкурро ба дараҷаи нав бардошт. Консепсия ва Барномаи давлатӣ бобати рушди забони ӯзбекӣ ва такмил додани сиёсати забон дар солҳои 2020-2030 қабул гардиданд.

Барои татбиқ намудани вазифаҳои мазкур дар сохтори Девони Вазирони Ӯзбекистон Департаменти оид ба рушди забони давлатӣ таъсис ёфт. Инкишоф додани забони давлатӣ, мониторинги риоя кардан ба қонунгузорӣ дар бораи забони давлатӣ ва ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур, тезондани коркарди меъёр ва қоидаҳои нутқи хаттии забони ӯзбекӣ, ҳамчунин пурра татбиқ сохтани алифбои ӯзбекӣ, ки ба ҳуруфи лотинӣ асос мекунад, вазифаҳои асосии Департамент маҳсуб меёбанд. Ба зиммаи Департамент ҳамчунин вазифаҳои ҳамоҳанг сохтани фаъолият бинобар ба муомилот ворид кардани вожаву мафҳумҳои нави илман асоснок ва таъмин сохтани истифодаи ягонаи онҳо, номгузорӣ ба иншооти ҷуғрофӣ ва ғайра гузошта шуданд.

Расонаҳои ахбори оммавӣ, матолиби чопӣ ва барномаҳои телевизионӣ бо 8 забони халқҳое, ки сокини Ӯзбекистон мебошанд, аз ҷумла забони англисӣ нашр мегарданд. Дар ҷараёни тайёр кардани маводи телевизиониву радиоӣ технологияҳои рақамӣ ва мултимедии замонавӣ корбурд мешаванд. Миқдори истифодабарандагони Интернет босуръат меафзоянд, ки шумораи онҳо ҳоли ҳозир зиёда аз миллион нафар аст. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти дараҷаи рушди низомҳои коммуникатсионӣ бояд шабакаҳои миллии таълимӣ ва ахбор, ки ба маънавият ва маърифат тааллуқ доранд, ба тамоми забонҳо ҷорӣ карда шаванд.

Ӯзбекистон аз қадимулайём аз сарчашмаҳои тамаддуни Шарқ маҳсуб меёбад. Зеро кишвари мо дорои мероси ғановатманди маънавию фарҳангии мутафаккирону олимони машҳури ҷаҳон мебошад. Имрӯз ҳам вай мамлакатест, ки ба дараҷаи зарурӣ комёбиҳои илмиву технологӣ дорад. Тавре ки маълум аст, мероси маънавиву фарҳангии мо асосан ба забонҳои кишварҳои ИДМ тарҷума шуданд, ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, ҷопонӣ, чинӣ ва ғайра кам ё худ умуман тарҷума нашудаанд. Бо дарназардошти ин бояд мактаби тарҷумонӣ такмил дода шавад.

Ба қарибӣ Сарқонуни Ҷумҳурии Ҳиндустон аз забони англисӣ бо саъю ҳаракати гурӯҳи профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд бо дастгирии сафоратхонаи Ҳиндустон дар Ӯзбекистон ба забони ӯзбекӣ тарҷума шуд. Тарҷумаи мазкур ва нашри он барои ҳуқуқшиносони оянда аҳамияти махсус дорад. Омӯхтани ҳуқуқи конститутсионии Ҳиндустон баробари ҳуқуқҳои конститутсионии давлатҳои дигар дар муқоиса бо Ӯзбекистон барои ҳуқуқшиносони ҷавон уфуқҳои нави тафаккури ҳуқуқиро боз мекунад. Нашри нахустини Сарқонуни Ҳиндустон ба забони ӯзбекӣ ҳамчунин ба оғози кори васеъмиқёси олимони ду мамлакат хидмат намуда, барои лоиҳаҳои нави муштарак имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.

Бо дарназардошти торафт вусъат пайдо кардани робитаҳои инсонпарварона бо халқҳои Осиёи Марказӣ солҳои охир иртиботи тарафайни академиву фарҳангӣ низ фаъолтару амиқтар мешаванд. Вобаста ба ин бояд шаклҳои нави тарғибу ташвиқ ва татбиқ сохтани лоиҳаҳои муштарак бо намояндагони зиёии минтақаи Осиёи Марказӣ дар кори шиносоӣ бо маданият, адабиёт, илм ва забони ӯзбекӣ истифода шаванд.

Самарабахшии аз худ намудани забони модарӣ аз сифати таълим, аз ҷумла услуби омӯзиш, ки бояд то ҷузъҳои кӯчактарин андешида шаванд ва барои қабул содаю сабук бошанд, сахт вобаста мебошад. Зеро дар шароити кунунӣ барои ташаккул додани маълумоти касбии мутахассисони оянда донистани мафҳумҳои тахассусӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти амалии худ аҳамияти бузург дорад. Аз ин рӯ бояд нафақат луғатҳои махсусу меъёрии соҳаи мазкур барои коллеҷҳо, мактабҳои олии тахассусӣ омода карда шаванд, балки муҳим аст, ки ба ҷараёни таълим курсҳои забони ӯзбекӣ бинобар нутқи касбии мутахасисони оянда ташкил карда шаванд.

Ҳамаи ин имкон медиҳад ҳусн, ғановати забон ошкор гардад ва орзуи омӯхтани забоне, ки бо он Навоии бузург сухан мекарду дигар шоирону нависандагони машҳури ӯзбек асар менавиштанд ва дар оянда низ бисёр осори адабӣ навиштаву кашфиётҳои зиёд анҷом мепазиранду он бо забонҳои машҳуртарини ҷаҳон дар як саф хоҳад истод, афзун шавад.

Фикр мекунем, қадамҳои дар ин бобат гузошташуда ба баланд гардидани нуфуз ва обрӯйи забони ӯзбекӣ дар давлат ва ҷамъият мусоидат мекунанд. Тавре ки роҳбари давлати мо барҳақ таъкид намуд: «Муносибати моро ба забони давлатӣ бояд ҳамчун муносибат ба истиқлолияти мо, садоқат ва эҳтиром нисбати онро ҳамчун садоқат ва эҳтиром ба Ватан пазируфт».

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**




*Дар чорабиние, ки дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон баргузор шуд, ходимони масъули Департаменти рушди забони давлатӣ, роҳбарони вазорату идораҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва мушовирони оид ба забони давлатии ҳокимиятҳои шаҳри Тошканд ва ноҳияҳо (шаҳрҳо), забоншиносон, олимони адабиётшинос, шоиру нависандагон, вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ даъват гардиданд.*

*Озмуни мазкур мувофиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев «Дар бораи куллан баланд бардоштани сифат ва нуфузи забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ» аз 21 октябри соли 2019 ва «Дар бораи беш аз пеш инкишоф додани забони ӯзбекӣ ва такмил додани сиёсати забон дар мамлакат» аз 20 октябри соли 2020-ум, ҳамчунин ба мақсади баланд бардоштани мақом ва обрӯйи забони давлатӣ дар ҳаёти кишвар, бинобар 34-умин солгарди ба забони ӯзбекӣ дода шудани мақоми забони давлатӣ баргузор карда шуд.*

***Дар сурат:*** *маросими мукофотонидани ғолибони зинаи ниҳоии озмуни эҷодии ҷумҳуриявии «Қадринг баланд бӯлсин, она тилим! («Қадрат баланд бодо, забони модариам!»), ки аз ҷониби Департаменти рушди забони давлатии Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронида шуд.*

***Суратгир: М. ХӮҶАЕВ (ӮзА).***

# БЕҲТАРИН ОМӮЗГОРИ СОЛ МУАЙЯН ГАРДИД

***Забон таҷассумгари таъриху фарҳанги миллат аст. Дар баробари ин, он омили рушди ҷомеа, худшиносии миллӣ ва яке аз нишонаҳои соҳибихтиёрии давлат мебошад. Ба ин маънӣ, имрӯз дар кишвари мо сию чорумин солгарди қабули Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» ва «Иди забони ӯзбекӣ» васеъ ҷашн гирифта мешавад.***




Бо ин муносибат дар ҳамкорӣ бо Департаменти рушди забони давлатии Девони Вазирон ва Федератсияи иттифоқҳои касаба, Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ маросими мукофотсупорӣ ба ғолибони озмуни «Беҳтарин омӯзгори забони ӯзбекӣ» баргузор гардид.

Дар маросим мудири шуъбаи рушди забони давлатӣ Нодир Ҷонузоқ, масъулони вазорат ва омӯзгорони аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ дар пойтахт ширкат варзиданд.

Хурсандиовар аст, ки Гулрух Тошбоева – муаллимаи забони ӯзбекии мактаби тахассусии ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон ба унвони «Беҳтарин муаллимаи забони ӯзбекии сол» сазовор гардида, бо дипломи дараҷаи I ва мукофоти асосӣ – 25 миллион сӯм сарфароз гардид. Унвони мазкур барои фаъолияти сермаҳсул дар ҷодаи таълиму тарбияи насли наврас ва барои ноил гардидани дастовардҳои назарраси таълимию тарбиявӣ дода шуд.

– Чун намоянда аз вилояти Намангон дар ин озмун ширкат варзидам. Озмун аз рӯйи ду самт – навиштани эссе ва маҳорати дарсдиҳӣ хеле шаффоф ва одилона гузашт, – мегӯяд Г. Тошбоева.

Гулрух соли 2022 ба мактаби махсуси назди муассисаҳои таълими Президентии ноҳияи Косонсой дар асоси имтиҳон қабул гардид

Ӯ ҳамчун педагоги пешқадам таҷрибаи чандинсола дошта, бо истифода аз технологияҳои таълимӣ барои ба камол расидани насли наврас фаъолияти пурсамар мебарад. Ба сертификати миллии забон ва адабиёти ӯзбек соҳиб аст.

Омӯзгор дар зинаи ҷумҳуриявии озмуни «Нутқимизда сӯзлар ҷилоси» ҷойи якумро ишғол намуда, сазовори унвони «Аълочии маорифи халқ» гардидааст. Ӯ дар натиҷаи моҳирона истифода бурдани усулҳои нави замонавӣ дар асоси ғояҳои эҷодие, ки дар рафти дарс ба вуҷуд овардааст, ба баланд шудани самараи таълим дар хонандагон ноил мегардад.

Шогирдони Тошбоева дар олимпиадаҳои ҷумҳурӣ ва озмунҳои иншонависӣ ҷойҳои фахрнокро ишғол намудаанд, ки ин самараи меҳнати пурмашаққати муаллимаи эҷодкор мебошад.

Дар мактаб бо мақсади баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳои тарбиявӣ ва пурмазмун ташкил намудани вақти холии хонандагон маҳфилҳои «Эҷодкорони ҷавон» ва «Актёрони театр»-ро ба роҳ мондааст.

Имрӯзҳо шогирдонаш дар соҳаҳои гуногуни кишварамон фаъолият мебарад. Ҳар сол 60-70 нафар аз хонандагонаш сазовори номи донишҷӯи мактабҳои олиро мегирад. Соли ҷорӣ хонандаи ӯ Мадина Абдурасулова бо холи баландтарин – 187,9 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ба номи Алишери Навоӣ гардид.

Гулрух ҳамчун роҳбари Иттиҳодияи методии омӯзгорони забон ва адабиёт дар такмили ихтисоси педагогҳои ҷавон саҳми арзанда дорад.

Дар воситаҳои ахбори оммавӣ, мақолаҳои публисистӣ ва ҳикояҳояш ба табъ расидааст.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА ЗАБОНҲОИ МИЛЛӢ

***Онҳое, ки дар замони шӯравӣ умр ба сар бурдаанд, медонанд, ки забонҳои миллӣ дар чӣ вазъ қарор доштанд. Доираи истифодаашон хеле танг шуда буд. Аз ҷумла, забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ аз минбарҳои расмӣ ронда шуда буданд. Роҳбарони давлат дар маҷлису анҷуманҳо ба забони русӣ ҳарф мезаданд. Дар мактабҳои миллӣ рӯзу ҳафтаҳои забони русӣ ҷорӣ карда шуда буд, соатҳои таълими забони русӣ, нисбат ба соатҳои таълими забонҳои миллӣ зиёд буд. Яъне дар сартосари Иттиҳоди Шӯравӣ доираи истифодаи забонҳои миллӣ сол аз сол тангтар шуда, роҳ ба сӯйи якзабонӣ боз мегардид…***

Ин аст, ки адибони саршиноси Иттиҳоди Шӯравии собиқ, мисли Расул Ғамзатов, Чингиз Айтматов, Эркин Воҳидов, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Абдулло Орипов ва дигарон ба мавзӯъҳои миллӣ-озодихоҳӣ даст заданд. Аз ҷумла, шеъри пурмуҳтавои устод Эркин Воҳидов «Она тилим ӯлмайди» («Забони модариам намемирад» Ин шеърро устод Лоиқ Шералӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст) ва як силсила шеърҳои ба забони модарӣ бахшидаи устод Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон садде дар роҳи тангкунии забонҳои миллӣ буд. Касе, ки «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатовро хонда бошад, дар он аҳд то куҷо танг шуда истодани доираи забонҳои миллиро рӯшан дарк менамояд…

Бо марҳамати Худо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба истиқлол расиданд ва пасу пеш ба забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони ӯзбекию тоҷикӣ, мақоми давлатӣ дода шуд. Забони давлатии Ӯзбекистон пас аз муҳокимаронҳои тӯлонӣ ба тасвиб расид.

Дар моддаи якуми Қонуни забони давлатӣ омадааст: «Забони давлатии Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ мебошад.» Ин маънои онро дорад, ки тамоми коргузориҳои расмӣ бо ин забон сурат мегиранд, маҷлисҳои давлатӣ бо ин забон баргузор мешаванд. Инак, тӯли чанд сол аст, ки тамоми коргузориҳо ва маҷлисҳо ба забони давлатӣ сурат мегиранд. Ба онҳое, ки ба забони давлатӣ балад нестанд, ин забон ройгон омӯзонида мешавад. Шаҳрвандони ғайриӯзбек амиқ дарк намудаанд, ки забони давлатиро бояд дар сатҳи муомила балад бошанд. Интихоби забони байналмиллӣ бино ба салоҳдиди шаҳрвандон аст.

Тибқи таҳрири нави Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» то ҷое барои ҳифз ва рушди забонҳои миллӣ, аз ҷумла, забони форсии тоҷикӣ имконият фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 4-уми таҳрири нави қонун омадааст: «Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шаҳрвандон барои омӯхтани забони давлатӣ ва эҳтирому рушди забони миллату халқиятҳое, ки дар ҳудуди он ба сар мебаранд, шароити мусоид фароҳам оварда мешавад».

Ба ҷуз ин, тибқи таҳрири нави Қонуни забони давлатӣ миллатҳои маскуни Ӯзбекистон дар мавзеъҳое, ки зич истиқомат мекунанд, ҳаққу ҳуқуқ доранд, ки дар ҷойи будубоши худ шиору овезаҳоро ба забони модарии худ навишта дар ҷойҳои ба назар намоён насб намоянд, забони таълими кӯдакистон, мактабҳои миёна ва муассисаҳои таълими олиро ба забони модарии худ роҳандозӣ кунанд, маҷлисҳоро бо забони модарии худ баргузор намоянд…

**А. СУБҲОНОВ.**

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ – РУКНИ АСОСИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Ҳар як забон то соҳибшавӣ ба мақоми давлатӣ ҳаводиси гуногуну мухталифро паси сар менамояд. Забони давлатии Ӯзбекистон низ аз ин раванд дар канор намондааст. Агар ба давраи начандон дури таърихӣ назар кунем, маълум мегардад, ки забони давлатӣ дар баробари рушду нумӯъ ба таъсироти муҳити ҳамон давру замон низ мувоҷеҳ шудааст.***

Ба хусус, агар солҳои салтанати шӯравиро пеши назар оварем, забони коргузорӣ ва муоширати байни сокинони понздаҳ ҷамоҳири собиқи он маҳз забони русӣ ба ҳисоб мерафт. Барои ҳамин ҷиҳати такомул ва рушду нумӯъи забони ӯзбекӣ як қатор маҳдудиятҳо ба миён омадаанд, ки онро нодида гирифтан имконнопазир мебошад.

Аз ҷараёни суҳбат бо чанд нафар аҳли илму адабу фарҳанг бармеояд, ки маҳз баъди касби истиқлолияти Ӯзбекистон забони давлатӣ – ӯзбекӣ ба сифати рамзи давлатдорӣ ва сарвати фарҳангиву маънавии кулли мардуми он қобили эътироф гардид ва барои такомули он заминаҳои хубу мусоид фароҳам оварда шуд. Ҳоло ҳар як сокини мамлакати паҳновари мо дар рушди ин забон ҳиссаи худро мегузорад.

– Ҷумҳурии мо кишвари сермиллат аст ва ҳамаи онҳо дар ин фазову муҳит дар ваҳдату ҳамгироӣ ба сар мебаранд. Дар ин раванд мардуми тоҷиктабори кишвар, ки аз нигоҳи нуфус дар ҷои дуюм қарор дорад, шояд бештар ҳиссагузор бошад. Медонем, ки дар Конститутсияи Ӯзбекистон мавқеъ ва манзалати забони давлатӣ хеле равшану возеҳ инъикос ёфтааст. Дар моддаи чоруми он чунин ҷумлаҳоро мехонем: «Забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон забони ӯзбекист. Он дар қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои таъмини рушду ривоҷ ва эҳтироми забон, урфу одати тамомияти қавму миллатҳои он шароит фароҳам меоварад». Ба ибораи дигар гӯем, Қонуни Асосӣ дар баробари рушди ин забон барои такомули забонҳои дигари мардуми он, аз ҷумла забони тоҷикӣ пурра кафолат медиҳад, –мегӯяд муаллими калони кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона Ҷумъаи Ҷамол.

Дарвоқеъ, дар кишвари мо таълиму тадрис бо ҳашт забон ба роҳ монда шудааст. Дар муассисаҳое, ки фарзандони мардуми ғайриӯзбек бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, интишори китобҳои дарсӣ ва маводи дигари зарурӣ низ таъмин гардидааст. Ин муассисаҳо бо омӯзгороне низ таъминанд, ки забони давлатиро ба шогирдони худ тадрис мекунанд.

– Ҳоло омӯзиши забони давлатӣ дар мактабҳои тоҷикӣ низ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ман тайи солҳои дароз маҳз ҳамин забонро ба шогирдони худ ёд медиҳам. Дуруст аст, ки фарзандони мардуми тоҷик, новобаста аз он ки дар ин ё он шаҳр зиндагӣ мекунанд ва ё сокини рустоҳои дурдаст мебошанд, аз хурдӣ бо ин забон ошно ҳастанд. Баъзан дар ҷараёни дарс маҳорати як қатор шогирдонамро эътироф мекунам, ки вожаҳои мушкилро аз худ кардаанд, – мегӯяд омӯзгори забони давлатии мактаби таҳсилоти умумии рақами 13-уми ноҳияи Сӯх Зулфизар Раҳмонова.

– Мо соҳиби ин забон ҳастем ва барои рушду пешрафти он аз дигарон дида бояд саҳми бештар гузорем. Дарки ин маъниро баъзан дар як қатор ҳамзабонони худ мушоҳида намекунам. Онҳо зимни суҳбат нисбат ба забонамон беэътиноӣ зоҳир мекунанд, лафзи худро бо калимаву ибораҳои бегона олуда месозанд. Онҳо боз ифтихор ҳам мекунанд, ки дар муқоиса бо забони модарӣ ба забони дигар хеле беҳтар ҳарф мезананд. Намедонам, ки ин ҳолатро чӣ гуна бароятон арзёбӣ кунам, – бо эҳсоси норозиёна изҳор намуд журналисти собиқадор, Ходими шоистаи маданияти Ӯзбекистон Ҳамидҷон Бурҳонов.

Ҳамсуҳбатони дигари мо дар бобати баланд бардоштани мавқеи забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ фикру ақидаҳои мухталиф дар миён гузоштанд. Яке аз онҳо, ки дар ширкати садову симои вилоят солҳои зиёд боз машғули фаъолият аст, Зуфарҷон Султонов мебошад.

– Баргузор кардани мулоқотҳо, суҳбатҳои мизи мудаввар, ки бевосита ба мавқеи мақоми забони давлатӣ бахшида шудаанд, ҳаргиз аз манфиат холӣ нест. Мо бештар дар бораи ҳисси эҳтиром нисбат ба забони давлатӣ вақте ҳарф мезанем, ки санаи таҷлили он наздик мерасад. Ин мавзӯе мебошад, ки мо ҳамеша бояд ба он рӯй оварем ва дар бораи он намоишҳои телевизионӣ, барномаҳои радиоӣ таҳияву таълиф кунем, аз боби ҳифзу такомули он дар нашрияҳо ва шабакаҳои интернетӣ батакрор гӯему нависем. Зеро муайян кардани мақоми ҳуқуқии забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ аз роҳҳои гуногун сурат мегирад. Моро лозим меояд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда, ки дар солҳои касби истиқлол фароҳам оварда шуданд, дар роҳи мустаҳкам шудани мавқеи забонамон пайваста талош ба харҷ диҳем, – гуфт ин ҳамсуҳбати мо.

Қобил ба ёдоварист, ки аксари ҳамсуҳбатони мо мегӯянд, забони давлатии Ӯзбекистон забоне мебошад, ки бо таърихи дуру дароз ва имкониятҳои ғании худ аз забонҳои зиёд фарқ мекунад. Дар ташаккули он намояндагони беназири адабу фарҳанги ӯзбек нақши муҳим бозидаанд. Осори маърифатпарвар, шоир ва олим Абдулло Авлонӣ хеле пандомезанд. Вай тавонистааст ашъори бархе аз алломаҳои бузурги форсу тоҷикро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кунад ва ба мардум тақдим намояд. Чунин мисолҳоро ин ҷо метавон фаровон қаламдод кард.

Дар ин рӯзҳо Рӯзи забони давлатӣ дар саросари мамлакат, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона чорабиниҳои зиёди илмиву фарҳангӣ бо шукӯҳи хос роҳандозӣ мегарданд. Дар муассисаҳои таълимӣ аз роҳи баргузор намудани тантанаҳои идона забони давлатӣ таблиғу ташвиқ карда мешавад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

